


# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 30-31**-уми январи соли 2025** конфронси II илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» баргузор мегардад. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои соҳибкорӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

Бахш I. Рушди баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, аудит ва омор дар шароити рақамикунонӣ

Бахш II. Тағйироти молия, бонкдорӣ ва андозбандӣ дар шароити инқилоби рақамӣ

Бахш III. Таҳдидҳои рақамикунонӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то **27-уми январи соли 2025** мақолаҳои худро ба суроғаи электронии conference_tguk@internet.ru, ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

**Забони конфронс:** *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

**ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:**

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman Tj (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (**бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт**) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [**2, с.42**]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

*Раҷабов Олимхон Ҷурахонович*
*Мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,*
*номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
E-mail:____________________________

СИЁСАТИ КАДРҲО ДАР НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТ

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то **27-уми январи соли 2025** пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватномаҳо барои иштирок дар конфронс то 27 **январи** соли 2025 фиристода мешаванд.

Султонов Зоиршо Султонович (мутасаддӣ) **Тел.:** (+992 34) 234-85-44, (+992) 937266050,

**E-mail:** conference_tguk@internet.ru

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**